Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

21 июни соли 2003. Шанбе № 46 (12889)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.00 имзо гардид.

## Ўзбекистон — Эрон:

# ҶАНБАҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 17-18 июн ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафари расмӣ дошт**



Эрон давлате мебошад, ки дар минтақаҳои Шарқи Наздик ва Миёна бо зарфияти иқтисодӣ, захираҳои табиии худ ҷои алоҳидаро дорад. Аз ҷумла аз лиҳози захираи барқ он ба даҳ мамлакати аввали ҷаҳон дохил аст.

Муносибати Ўзбекистон бо Эрон дар бисёр соҳаҳо муттасил инкишоф меёбад. Пеш аз парвоз ба Теҳрон Президент Ислом Каримов таъкид намуд, ки мардумони ду мамлакат аз қадим бо ҳам илм, фарҳанг ва ҳунарро ғановатманд сохта, тиҷоратро инкишоф додаанд. Президенти Эрон Саид Муҳаммади Хотамӣ ин фикри роҳбари давлати моро тасдиқ намуд.

Мақсади сафар ба Эрон аз баррасии ҳамкорӣ, ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо ва ба ин васила дар оянда густариш додани муносибатҳои тарафайн иборат буд. Мулоқотҳое, ки 17 июн дар қароргоҳи Президенти Эрон «Ҷумҳурия» барпо гардид, ба ин масъалаҳо бахшида шуд.

Бояд таъкид кард, ки имрӯз муносибати байни Ўзбекистон ва Эрон зуд дар асоси принсипҳои баробарӣ, эҳтироми ҳамдигар ва боварӣ ба ҳам инкишоф меёбад. Дар солҳои охир сафарҳои расмӣ дар сатҳи олӣ дар байни мамлакатҳои мо созмондиҳӣ гардиданд, ки табодули ҳайатҳои ҳукуматӣ низ аз он ҷумла аст. Моҳи июни соли 2000 Президенти Ўзбекистон аз Теҳрон боздид намуд, моҳи апрели соли гузашта бошад, роҳбари Эрон ба Тошканд омада буд. Табиист, ки ин рӯйдодҳо имкон доданд, ки дар таърихи муносибатҳои тарафайн саҳифаҳои нав кушода шавад. Ҳамкории мутамодӣ байни мамлакатҳои мо дар асоси манфиатҳои тарафайн ҳарчӣ бештар мустаҳкам мегардад.

Ҳоло ҳозир ҳар ду давлат дар таъмини амнияти минтақа, мубoризаи зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ҷинояти муташаккил фаъолона ҳамкорӣ менамоянд.

Қисми муҳими муносибати байни Ўзбекистон ва Эронро соҳаи коммуникатсия ташкил медиҳад. Ҷонибҳо гуфтугӯи мураттабро дар ин самт ба роҳ гузоштаанд. Агар соли 1996 Ўзбекистон аз тариқи ҳудуди Эрон 34 ҳазор тонна моли тронзитӣ гузаронда бошад, соли 2002 ин рақам ба 500 ҳазор тонна расидааст. Соли гузашта аз тариқи қаламрави Ўзбекистон 750 ҳазор тонна моли Эрон убур намудааст. Ба ҳамин суръат ҳаҷми тиҷорат низ боло меравад. Соли 2002 он нисбат ба соли 1998 чор баробар афзуда, 260 миллион доллари амрикоиро ташкил намуд.

Мамлакатҳои мо дар ҷанбаи бонку молия низ фаъолона ҳамкорӣ менамоянд.

Дар гуфтугӯҳои Теҳрон роҳбари Эрон таъкид намуд, ки мамлакати вай аз вусъатёбии ҳамкорӣ бо Ўзбекистон манфиатдор аст. Ӯ изҳори боварӣ намуд, ки сафари Ислом Каримов барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо ва ғанӣ гардидани ҳама ҷиҳати он зербиной мустаҳкам хоҳад гузошт.

Поёни гуфтугӯҳо далели равшани ин боварӣ ва кӯшиш барои рушди ҳамкории байни Ўзбекистон ва Эрон гардид. Президентҳо изҳороти муштаракро аз рӯи натиҷаи мулоқотҳо ба имзо расонданд. Байни ҳукуматҳо ҳуҷҷатҳо дар бораи алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, имтиёзҳои тиҷоратӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи карантини растаниҳо, байни Бонки миллии фаъолияти иқтисоди берунии Ўзбекистон ва Бонки рушди содироти Эрон аҳдномаи вомгирӣ имзо шуда, байни Хизмати миллии амнияти Ўзбекистон ва Вазорати амнияти Эрон меморандум дар бораи ҳамкорӣ қабул гардид. Ҷонибҳо варақаҳои тасвибгардидаи аҳдномаи соли 2000-умро дар бораи бозгардонӣ бо ҳам иваз карданд.

Коммуникатсияҳои нақлиёт яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёт ба шумор меравад. Пӯшида нест, ки маҳдудият барои расидан ба роҳҳои обӣ барои Ўзбекистон мушкилиҳои маълумро эҷод менамояд. Дуруст аст, чи тавре ки Президент Ислом Каримов ишора намуд, дар самтҳои шимол шабакаҳои коммуникатсионӣ мавҷуданд. Аммо дуруст намебуд, ки танҳо бо ин роҳҳо маҳдуд гардад.

Бино бар ин бо ташаббуси Ислом Каримов лоиҳаи даҳлез аз тарафи қаламрави Афғонистон бо иштироки Ўзбекистон, Афғонистон, Эрон, Бонки тараққиёти исломӣ ва Бонки тараққиёти Осиё таҳия мегардад. Он аз Тирмиз оғоз ёфта, аз тариқи шаҳрҳои Мазори Шариф ва Ҳироти Афғонистон гузашта, бо замини Эрон мепайвандад. Шабакаҳои коммуникатсионӣ, ки дар Эрон мавҷуданд, имкон медиҳанд, ки ба бандарҳои Бандари Аббос ва Чорбаҳор пайваст гардад.

Ба ин васила имконият ба вуҷуд меояд, ки ба бандарҳои халиҷи Форс ва уқёнус расида, аз он ҷо роҳи нав, арзон ва мусоид ба минтақаи мо кушода мешавад.

Ин масъала дар мулоқоти сетарафа рӯзи дуввуми сафар дар маркази диққат қарор дошт. Бо иштироки Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов, Президенти Эрон Муҳаммади Хотамӣ ва Раиси ҳукумати муваққатии Афғонистон Ҳамид Карзай ин масъала баррасӣ гардид.

Роҳбарони Эрон ва Афғонистон ин ташаббуси Ислом Каримовро чун воқеаи таърихӣ арзёбӣ намуданд. Зеро маълум аст, ки сохтмони роҳ на танҳо барои тағйири куллии муносибати тиҷоратию иқтисодӣ байни се мамлакат, инчунин барои мамлакатҳои ҳамсояи онҳо низ ҳамин гуна имконотро ба вуҷуд меорад.

Ин лоиҳа на танҳо дар равнақи ҳамгароӣ, балки барои иқтисодиёти Афғонистон аҳамияти бузургро молик аст. Ба вуҷуд овардани чунин роҳ барои инкишофи дигар ҷанбаҳо низ мусоидат менамояд. Соҳаҳои нав ба вуҷуд омада, ҳазорон одамон бо кор таъмин мегарданд. Тавре ки Ислом Каримов гуфт, агар ҳатто Афғонистон бо нақли мол машғул нагардад ҳам, аз ин тронзит фоидаи зиёд ба даст меорад.

Ҷанги тӯлонӣ дар Афғонистон барои Ўзбекистон дар аз худ намудани ҳудудҳои ҷанубӣ мамониати калон гардида буд. Ва оқибат бо эҷод гардидани сулҳ дар ин мамлакат имконот барои ҳамкорӣ ба вуҷуд меояд.

Ўзбекистон кайҳост, ки кӯмакро ба Афғонистон барои барқарор намудани шабакаҳои коммуникатсионӣ шурӯъ намудааст. Пулсозони мамлакати мо то имрӯз чандин пулро дар ин мамлакат бунёд намуда, онҳоро ба баҳрабардорӣ супурдаанд. Бештар аз даҳ пулро таъмир мекунанд. Пас, аён аст, ки мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки татбиқи лоиҳа чанде пеш аз ин мулоқот шурӯъ гардидааст.

Албатта, барои татбиқи чунин кори бузург маблағи зиёд зарур аст. Дар мулоқоти Теҳрон ин масъала ҳам муҳокима гардид. Тавре ки президентҳо гуфтанд, аллакай ҳозир ҳам чандин мамлакат, созмонҳои молии байналмилалӣ ба ин лоиҳа таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Ин барои хулоса намудан имкон медиҳад, ки ташаббуси Президенти мамлакати мо дурнамои бузургро соҳиб аст.

Дар поёни гуфтугӯҳо Ислом Каримов, Муҳаммади Хотамӣ ва Ҳамид Карзай дар бораи самтҳои нақлиёти байналмилалӣ, ки ин ҷанбаҳоро бо худ доранд, шартномаро ба имзо расонданд. Бо ибораи Президент Ислом Каримов бигӯем, роҳбарони се давлат ба ин лоиҳа «роҳи сафед» таманно доштанд.

Роҳбари Ўзбекистон ҳамчунин бо раиси Бонки тараққиёти исломӣ Аҳмад Муҳаммад Алӣ ал- Маданӣ гуфтугӯ дошт. Дар ин мулоқот мубодилаи афкор дар хусуси густариши соҳаҳои коммуникатсияи байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо Бонки тараққиёти исломӣ ба амал омад. Ҷонибҳо инчунин масъалаи рушди ҳамкориро байни бонки мазкур ва идораҳои молии Ўзбекистон муҳокима намуданд.

Пас аз нисфи рӯз мулоқоти ҳайатҳои Ўзбекистон ва Афғонистон бо иштироки Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Раиси ҳукумати муваққатии Афғонистон Ҳамид Карзай ба вуқӯъ пайваст. Зимни мулоқот масъалаҳое баррасӣ гардиданд, ки ба инкишофи муносибатҳои Ўзбекистону Афғонистон, афзудани кӯмаки мамлакати мо ба ин кишвари ҳамсоя, афзудани иштирок дар корҳои барқарорсозӣ алоқаманд буданд.

Пеш аз парвоз ба Эрон Ислом Каримов дар сӯҳбат бо журналистон дар масъалаи обод сохтани маҳалли дафни шоири ўзбек Алишери Навоӣ дар Ҳирот таваққуф намуд. Зимни мулоқотҳо дар Теҳрон ин масъала дафъатан бардошта шуд. Ҷониби Афғонистон омодагии худро барои ба вуҷуд овардани шароити зарурӣ ба Ўзбекистон дар ин масъала изҳор намуд.

Бо ҳамин сафари расмии Президент Ислом Каримов ба Эрон ба поён расид.

Воситаҳои ахбори оммавии Эрон ба ин сафар таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуданд, зеро ки ташрифи Ислом Каримов ба Эрон на танҳо ба муносиботи Ўзбекистону Эрон имконоти наврo эҷод намуд, балки барои инкишофи ҳамгароии минтақавӣ чунин шароитро ба вуҷуд овард. Дар рӯзномаи «Эрон нюс» омадааст: «Бешубҳа, сафари Ислом Каримов муносиботи Ўзбекистону Эронро ба дараҷаи сифатан нав боло бардошта, уфуқҳои нави ҳамкориро боз менамояд». Воқеан мо манфиатҳои муштаракро соҳибем. Назарҳоямон низ бо ҳам яканд. Пас маълум мегардад, ки барои равнақи минбаъдаи ҳамкорӣ асоси мустаҳкам эҷод гардид. Тамоми асосҳо барои гуфтани он, ки ин ҳамкорӣ самар меоварад, вуҷуд доранд.

**Анвар БОБОЕВ,**
**хабарнигори махсуси ЎзА.**

*Тошканд — Теҳрон — Тошканд.*

**Суратгир: А.ТЎРАЕВ. (ЎзА).**

# Ба ғаллакорони ноҳияҳои Қизириқ ва Сариосиё

Пеш аз ҳама иҷозат диҳед, шумо — ғаллакоронро, ки дар мамлакат аввалин шуда ӯҳдадории шартномавиатонро иҷро кардед ва тамоми меҳнаткашони ноҳияҳои Қизириқу Сариосиёро бо ғалабаи имрӯзаатон муборакбод намоям.

Дар мавсими имсолаи кишоварзӣ шумо тамоми инҷиқиҳои обу ҳаво — оқибатҳои боронҳои пайдарпай, жолаву селҳоро мардонавор паси сар намуда, дар тайёр кардани ғалла, ки аҳамияти ин комёбиро боз ҳам баланд мебардорад, ба натиҷаҳои баланд муваффақ шудед.

Ҳамаи мо муваффақиятҳои шумоёнро ба сифати нишони амалии оқилона ташкил кардани меҳнат, муносибатҳои наве, ки дар деҳот ташаккул меёбанд, қабул мекунем.

Бори дигар шумо, деҳқонони заҳматкаш ва ба қавли худ содиқро муборакбод менамоям, дар корҳоятон, ки ба фаровонии мамлакат, ба зинаи нав бардоштани ҳаётамон, амалӣ гардондани мақсадҳои некамон нигаронда шудаанд, комёбиҳо таманно дорам.

Ҳамеша сиҳҳат бошед, ҳеҷ гоҳ камӣ набинед, азизонам!

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

## Ғалла-2003

# Дар ҷумҳурӣ аввалин

***Ғаллакорони ноҳияҳои Қизириқу Сариосиёи вилояти Сурхондарё дар кишоварзӣ ислоҳоти иқтисодиро муттасил ба амал мебароранд, баробари ин дар ҷумҳурӣ аввалин шуда ӯҳдадории шартномавии фурӯши ғалларо иҷро карданд.***

Ғаллакорони ноҳияи Қизириқ то ки супоришоти шартномавии тайёр кардани ғалларо, ки соли ҷорӣ 38 ҳазору 707 тоннаро ташкил медиҳад, иҷро кунанд, самарабахш меҳнат мекунанд. Онҳо ғаллаи 6212 гектарро даравида гирифтанд. Барои ин 22 комбайни «Кейс» истифода шуд. Ҳосилнокии зироати ғалладона аз ҳар гектар 44 сентнериро ташкил дод.

Агар дар хоҷагии ширкатии «Қизириқ» ҳосилнокиро аз ҳар гектар то 47 сентнерӣ расонда бошанд, дар ширкати «Гиламбоб» ин нишондиҳанда ба 51 сентнерӣ, дар «Янгийўл» 51,5 сентнерӣ расонда шуд. Дар ғаллазори хоҷагиҳои мазкур ҳосили даравиданашуда ҳанӯз зиёд аст.

Меҳнаткашони ноҳияи Сариосиё қариб дар 4 ҳазор гектар зироати хӯшадор кошта, ҳосили фаровон ба даст оварданд. Онҳо дарави ғалларо муташаккилона ташкил намуда, дар даҳ рӯзи корӣ ба давлат 9078 тонна ғаллаи сара супурданд.

Дар мавсим аз 23 комбайн— аз он ҷумла, шаш «Кейс» самарабахш истифода бурданд. Ба талафи ҳосил роҳ дода нашуд. Аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 50 сентнерӣ ғалла ҷамъ оварда шуд. Ғаллакорон аввалин шуда ғалабаро ба даст оварда, ният доранд, ки ғаллаи майдонҳои боқимондаро дар мӯҳлати кӯтоҳ ҷамъ оварда, ҷамъи ҳосилро то 15 ҳазору 750 тонна, ҳосилнокиро ба 70 сентнерӣ мерасонанд.

Ба комёбии умумӣ хоҷагиҳои ширкатии «Дӯстлик», ба номи Бобур, Ю.Охунбобоев, И.Диёров, ки аз ҳар гектар то 52-57 сентнерӣ ғалла рӯёнданд, инчунин 16 хоҷагии фермерии ба ғаллакорӣ махсусонидашуда, бисёр звеноҳои оилавии пудратӣ ҳиссаи бузург гузоштанд.

Дар ноҳия мавсими ғалладаравӣ давом дорад.

**Чорӣ ТЎХТАЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

# Дар Олий Маҷлис

***Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон маҷлиси «мизи мудаввар» ба амал омад, ки Кумитаи парлумонӣ оид ба буҷа, масъалаҳои бонкию молиявӣ, Бонки марказӣ якҷоя бо редаксияи рӯзномаи «Банк ахборотномаси»— (Хабарномаи бонкӣ) ташкил намудааст. Дар вай мазмуни асосии лоиҳаи Қонун «Дар бораи сирри бонкӣ», масъалаҳои муҳиме, ки ба таҳия намудани стратегияи ҳифзи манфиатҳои мизоҷони бонкҳо алоқаманданд, баррасӣ шуданд.***

Чи хеле ки дар маҷлис қайд шуд, лоиҳаи қонуни нав ба мақсади ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таҳкими эътимод ба пасандозҳои бонкӣ ва ҳифзи амонатҳои шаҳрвандони мамлакатамон таҳия шудааст.

Дар лоиҳа ба маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, баҳо дода шудааст. Аз ҷумла, ба сирри бонкӣ мувофиқи лоиҳаи қонуни нав на танҳо додугирифти мизоҷ, маълумот дар ҳисобсурат ва амонати вай, балки маълумоте, ки дар натиҷаи ба вай хизмат расондан гирифта шудааст, маълумот дар бораи амволе, ки дар бонк нигоҳ дошта мешавад, маълумот дар бораи додугирифту хариду фурӯши аҳду паймоншуда мансуб аст. Таклиф шудааст, ки меъёри куллан нав ҷорӣ карда шавад. Мувофиқи вай акнун маълумот дар бораи мизоҷи дигар бонке, ки ба бонкҳо ошкор шудааст, сири бонкӣ пиндошта мешавад. Инчунин пешниҳод мешавад, ки номи мизоҷ ба гурӯҳи сирри бонкӣ мансуб гардад. Дар лоиҳа доираи шахсон ва мақомоти давлатие, ки ваколати маълумоти ба сирри бонкӣ алоқаманд, инчунин барои гирифтани ин гуна маълумотҳо асосҳои зарурӣ доранд, муайян шудааст.

Қайд шуд, ки лоиҳаи Қонун бо назардошти таҷрибаи Швейтсария, Канада, Олмон ва дигар мамолики хориҷӣ таҳия шудааст. Қабул шудани вай ба зарурати обективии ба танзим овардани муносибатҳое, ки байни бонкҳо, мизоҷони он ва шахсони сеюм дар бобати гирифтан, ҳифз, нигоҳ доштан ва додани маълумоти ба гурӯҳи «сири бонкӣ» алоқаманд, тақозо гардидааст. Аз ҷумла, дар амал ҳолатҳои дархости маълумотҳо аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ дар бораи додугирифти мизоҷи бонк ба муносибати кушода шудани парвандаи ҷиноӣ нисбати субекти хоҷагидории тамоман дигар тез-тез ба чашм мерасад, ин низом ҳар чӣ бештар ба тартиб даровардани қоидаи дархости маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, тақозо дорад.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи сирри бонкӣ», ки дар иҷлосияи ёздаҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм дар қироати аввал қабул шудааст, барои ҷомеаи ҷумҳурӣ воқеаи муҳим гардид. Вай дар байни тадбиргарон, мизоҷони бонкҳо, мутахассисон майлу рағбати калон ҳосил намуд. Дар воситаҳои ахбори оммавӣ акси садои зиёд чоп шуд. Ба лоиҳаи қонуни нав мутахассисони хориҷӣ, корбастҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, ки оид ба такмилдиҳии лоиҳаи қонун таклифҳои зиёд гузоштанд, мароқ зоҳир карданд. Имрӯзҳо ҳам пешниҳодҳои зиёд мерасанд. Мардум аз вай манфиатдор аст ва мехоҳад, ки як қатор бандҳои муҳими лоиҳа боз аз нав кор карда шавад. Аз ин рӯ ба баррасии умумихалқии масъалаҳои муҳими лоиҳаи қонуни мазкур зарурати таъхирнопазир пайдо шуд.

Иштирокдорони маҷлис оид ба такмилдиҳии лоиҳа бо таклифоти аниқ баромад карда, даҳҳо тағйироту иловаҳоро изҳор намуданд.

Дар хотимаи маҷлис иштирокдорони «мизи мудаввар» натиҷаҳоро ҷамъбаст ва ба баррасии Кумитаи Олий Маҷлис оид ба буҷа, масъалаҳои бонкию молиявӣ, Бонки марказии ҷумҳурӣ таклифоташонро тақдим карданд.

**(ЎзА).**

# Қабул ба мактабҳои олӣ чӣ гуна мегардад?

***ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Назокат УСМОНОВА). Маҷлиси васеи Комиссияи давлатии қабул ба муассисаҳои таълимии Ҷумҳурияти Ўзбекистон баргузор гардид. Дар он роҳбарони вазорату идораҳо ва созмонҳои марбут ва мактабҳои олӣ ширкат доштанд.***

Дар маҷлисе, ки муовини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси комиссияи мазкур Ҳ.Кароматов бурд, таъкид гардид, ки зиёд гардидани ҷавонон дар мамлакат, ки ҳар чи бештар хоҳиши дониш гирифтанро доранд, нуктаи хушнудкунанда аст. Иҷро гардидани вазифаҳои муҳим, ки дар Барномаи миллии тарбияи кадрҳо, интихоб ба мактабҳои олӣ, ки ба он маҳз ҷавонони закӣ ва соҳибистеъдод ҷалб мегарданд, тарбияи мутахассисон барои соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат, ки ба талабҳои замон ҷавобгӯ бошанд, аҳамияти махсус касб менамояд.

Дар қарори Девони Вазирон «Дар бораи қабул ба мактабҳои олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои соли хониши 2003/2004» хеле дақиқ ва равшан вазифаҳои ин самт зикр гардидааст. Мувофиқи ин қарор квотаи умумии қабул барои тарбияи бакалаврҳо ба соли хониши 2003/2004 ба миқдори 51100, магистрҳо ба миқдори 5400 нафар муқаррар гаштааст.

Дар қарор аҳамияти махсус ба тарбияи бакалаврҳо дар шӯъбаҳои махсуси ғоибона дар назди муассисаҳои мактабҳои олӣ, аз ҷумлаи кадрҳои педагогӣ, ки соҳиби маълумоти миёна буда, таҷрибаи амалии педагогӣ доранд, аҳамияти махсус дода шудааст ва онҳо дар соҳаи фанни худ на камтар аз се сол собиқаи корӣ доранд, ки ба ин тоифа мураббиёни варзиши бачагона низ дохил мешаванд.

Дар маҷлис зарурияти созмон додани фаъолияти комиссияҳои қабул дар мактабҳои олӣ дар сатҳи тақозошаванда, ба вуҷуд овардани шароити зарурӣ барои падару модарон ва аз ҳама муҳим барои довталабон, анҷом додани озмоишҳои тест дар сатҳи баланд таъкид гардид.

# Дирӯз Рӯзи умумиҷаҳонии паноҳандагон буд

Ҳоло аз 40 млн. паноҳандагони ҷаҳон 35 фоизашро ҷавонони аз 12 то 24 сола ташкил медиҳад. Аз ин боис СММ қарор намудааст, ки имсол ин рӯзро зери шиори эътибори бештар ба қишри ҷавони гурезагон қайд намояд.

Мудирияти Комиссариати олии СММ оид ба паноҳандагон ҳоло ба 7,7 млн. ҷавонони паноҳандаи то 18 сола кӯмак мерасонад. Ҳанӯз дар бисёре аз кишварҳои Африқо, Осиё ва Амрикои Ҷанубӣ теъдоди паноҳандагон зиёд боқӣ мемонад. Дар Афғонистони ҳамсоя пас аз шикасти режими Толибон беш аз 1,8 млн. нафар ба ватани худ баргаштааст. Аз ҷумла аз кишварҳои ИДМ беш аз 5 ҳазор паноҳанда ба хоки худ бозгаштаанд.

Паноҳандагони афғонистонӣ дар Ўзбекистон қисман зери ғамхории намояндагии СММ қарор доранд ва дар ин бобат намояндаи тозатаъиншудаи Комиссариати олии СММ оид ба паноҳандагон Абдулкарими Гул нақл намуд.



# Ҳосил аз 150 тонна гузашт

**Навоӣ. (Мухбири ЎзА Ёркул Умар).** Хоҷагии фермерии «Ўзбекистон»-и назди ассотсиатсияи фермерии ба номи Худоёр Сулаймонови ноҳияи Қизилтеппа, ки сарвариашро Юнус Севаров бар ӯҳда дорад, дар вилояти Навоӣ аввалин шуда, даравии ҳосили ғалладонаро ба охир расонд. Аз ҳар яки 30 гектар майдон 55 сентнерӣ ҳосил гирифта, ба давлат 70 тонна ғалла супурданд. 80 тонна ғалла дар ихтиёри худашон монд.

Дар айни замон дар ин мавсим 11 «Кейс» ҷавлон мезанад. Ҳар яки он дар қаламрави Ўртачӯл майдони зиёда аз 20 гектар ғаллазорро медаравад. То айни замон қариб 50 фермер ӯҳдадории шартномавии ба давлат супурдани ғалларо иҷро намуд. Соли ҷорӣ қизилтеппагиён бояд ба анбори давлат зиёда аз 23 ҳазор тонна ғалла армуғон намоянд. Онҳо ин вазифаро бе душворӣ иҷро мекунанд ва ният доранд, ки ҳосили рӯёндашударо дар бадали як моҳ ҷамъ меоваранд.

Вақте ки сӯи бинои «Сирдарёкитобсавдо» мерафтам, ба додарам Бахтиёр, ки ҷавони китобдӯст аст, рӯ ба рӯ шудам. Пас аз ҳолу аҳволпурсӣ ӯ фаҳмид, ки куҷо равонаам, намоиши мутойибавии аз тариқи телевизиони Русия дидаашро нақл кард: «марде аз кӯчаи хилват сӯи хона мерафт. Ду ҷавони ҳузарб рӯ ба рӯ омаданд.

—Ба китобхона бо кадом роҳ равем?—пурсид яке аз ҷавонон аз мард.

—Намедонам.

Пас аз ин ҷавоб он ду ҷавон ба мард ҳамла оварда, ҳамёни ӯро рабуданд. Ба саломат мондани ҷонаш шукр карда роҳашро давом дод ӯ. Пас аз андаке роҳгузари дигаре намоён шуд. Он ду ҷавони авбош чун балои осмонӣ пеши роҳи ин мардро низ гирифтанд ва боз ҳамон савол: роҳи китобхона кадом аст?

—Рост рафта ба чап гардед, дар охири кӯча китобхона,— ҷавоб дод роҳгузар.

—Рафтем,—гуфт яке аз онҳо ба шарикаш,—ин китобхон будааст, маълум, ки кисааш холист...»

Додарам бо ман бо лабони пуртабассум хайрухуш кард. Аҷаб дардолуд буд табассуми ӯ...

Бале, ҳақ бар ҷониби додарам Бахтиёр аст, ки талх механдид. Зеро пӯшида нест, ки имрӯз вазъи китобхонӣ бахусус дар деҳот хеле ташвишовар аст. Ҷавонон кам китоб мехонанд. Бо китоб таъмин намудани китобхонаҳои деҳот қариб, ки фаромӯш шудааст. Дар баъзе ноҳияҳо ҳатто дӯкони китоб нест ва бошад ҳам ниҳоят муфлис...

Бо ҳамин андешаҳо ба бинои «Сирдарёкитобсавдо» расидам. Он ҷо маро собиқ ҳамкасбам, журналисти варзида Рустам Абсаломов, ки ҳоло вазифаи раиси ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Сирдарёкитобсавдо»-ро ба дӯш дорад, бо хушнудӣ пешвоз гирифт.

—Рустамака, замоне, ки Шумо муҳаррири рӯзномаи ноҳиявӣ будед, сарлавҳаҳои саҳифавии «Чӣ ҳол дорӣ, пахтакор?», «Чӣ ҳол дорӣ, чорводор?» расм буданд. Имрӯз ман пурсидан мехостам, ки чӣ ҳол дорӣ, китобдор?—бо шӯхӣ арзи матлаб намудам.

—Хуш омадед, ҳамкасб. Ба наздикӣ сармуҳаррири рӯзномаи вилоятамон Ортиқбой Султонов ҳам омада буд. Аҷаб сӯҳбати ширин дорад ӯ...

Ҳоламонро мепурсед, ташаккур, бад нест. Ба ҳар ҳол аз порсола беҳтар. Ҳоло ба Шумо чанд рақамро нишон медиҳам, пас худатон хулоса бароред, — ба чашм айнак гузошта, аз ҷузвдони ғафс варақеро гирифт акои Рустам.

—Мана , гӯш кунед. Дар чор моҳи соли гузашта мо ба халқ 9 миллиону 829 сӯмина хизмат расонда будем. Дар чор моҳи сипарии имсол ин рақам 16 миллиону 538 сӯмро ташкил мекунад. То охири соли гузашта ҳаҷми гардиши молро ба 23 миллиону 750 ҳазор сӯм расонда будем, ки 9 миллиону 500 ҳазор сӯми ин рақам маҳз аз фурӯши китобҳои бадеӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ ба даст омад. Боз ба 5 миллиону 200 ҳазор сӯм китобҳои дарсӣ ва ба 8 миллион сӯм маводи маҳкамавӣ фурӯхтем! Ва имсол нишондодҳоямон аз порсола ба дараҷаи назаррас беҳтар хоҳад шуд.

Мавзӯи рӯз

# Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест...

—Ба пешравии кор чунин боварии қатъӣ доштан, албатта, хуб аст...

«Фаҳмидам мақсадатонро,— сухани маро бурид акаи Рустам,— ба чӣ асос «калон»гап мезанӣ гуфтанием. Кор мекунем, бародар. Бо халқ, бо китобхонҳо кор мекунем. Бо роҳбарони мутасаддӣ ҷояш меояд, ки сурху сафед мешавем. Бо нашриётҳо шартнома мебандем. Дар якҷоягӣ бо шӯъбаи вилоятии маркази маънавият ва маърифат, садорати корҳои мадании вилоят ва воситаҳои ахбори оммавӣ дар байни аҳолӣ бахусус байни ҷавонон намунаҳои беҳтарини китобҳои миллӣ, дурдонаҳои адабиёти ҷаҳониро тарғибу ташфиқ менамоем. Боз, моҳи августи соли гузашта Девони Вазирони Ҷумҳурӣ қароре баровард, ки он яке аз омилҳои пешравии кор шуд.

—Шумо қарори Девони Вазирон «Оиди чораву тадбирҳои такмилдиҳии соҳаи савдои китоб дар ҷумҳурӣ»-ро дар назар доред?

—Бале, ҳамон қарори 279-уми Девони Вазиронро мегӯям. Ин қарор барои бо адабиётҳои бадеӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-маърифатӣ таъмин намудани аҳолӣ, бо китоб ва дигар маводи дарсӣ таъмин кардани донишҷӯёни мактабҳои олӣ, миёнаи махсус, касбӣ-ҳунарӣ ва хонандагони мактабҳои олӣ хизмат мекунад.

Пештар мо тобеи Садорати матбуот будем. Пас аз қарори номбурда дар таркиби «Ширкати давлатӣ-саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» кор мекунем. Акнун мо метавонем бо конъюктура ва маркетинги савдои китоб машғул шавем, мониторинги эҳтиёҷи аҳолиро нисбати китобҳо, дигар маводи чопӣ ташкил намоем.

Мувофиқи қарори мазкур ҳокимиятҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ барои кушодани дӯконҳои китоб бояд ба мо ёрӣ расонанд. Бо роҳбарони мутасаддӣ сурху сафед мешавем гуфтанам сабаб дошт. На ҳамаи ҳокимон дасти ёрӣ дароз мекунанд ба мо... Ҳоло дар ноҳияи Ховос як дӯкони китоб кушодем. Дар ноҳияҳои Сирдарё ва Мирзообод ҳам шохобчаҳои китобфурӯшӣ кор сар карданд. Дар ҳамаи ноҳияҳо фурӯши (ярмаркаҳои) савдои китоб гузаронида истодаем. Бо дӯконҳои хусусии китобфурӯшӣ равобитаи нағз дорем.

—Боиси хушнудист, ки муносибат ба китобу китобхонӣ торафт беҳтар мегардад. Ҳоло дар миқёси вилоят ҳамагӣ 556 китобхона мавҷуд аст, ки фонди китоби қариб чормиллиона дорад. Яъне ба аҳолии вилоят ба ҳар сари кас 6,1 китоб рост меояд, ки ин кам аст.

—Ва Шумо гуфтан мехоҳед, ки барои харидани китоб ва ғанитар гардонидани фонди китобхонаҳо бояд бештар маблағ ҷудо карда шавад.

—Бале, китоб имрӯзҳо хеле қиммат аст. На ҳама метавонад китобро харида хонад. Охир, пешравии ҷамъият пеш аз ҳама ба маърифатнокии халқ вобаста аст. Ҷидду ҷаҳди мо ҳам ҳарчи бештар зиё бахшидан ба халқ, фирӯзонтар гардонидани чароғи маърифати мардум аст.

Бо рӯҳи болида баромадам аз назди акои Рустам. Рост мегӯяд ӯ, маърифатнокии халқ будааст асоси пешрафти ҷамъият дар ҳама давру замонҳо. Ҳама медонад ин гапи кӯҳнаро, аммо на ҳама ҷон мекоҳонад дар роҳи баланд бардоштани маърифати халқ. На ҳама аз таҳти дил кор мекунанд. Журналисти собиқ Рустам Абсаломов бошад, кор мекунад.

**Тӯхтамиши БОҚӢ,**
**хабарнигори «Овоз тоҷик» дар вилояти Сирдарё.**

# «Маҳалла падидаи нодир»

***Чанде пеш намояндагии парлумони аврупоии алоқаҳо бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Муғулистон дар Ӯзбекистон меҳмон буд. Ҳангоми ташриф аъзоёни намояндагӣ дар ҷамъомади чоруми Кумитаи байналхалқии ҳамкории байнипарлумонии «Ӯзбекистон-ИА», ки дар Самарқанд барпо гардид, иштирок доштанд.***

***Оиди ҷамъбасти сафар ба Ӯзбекистон яке аз аъзоёни намояндагӣ — мудири шӯъбаи алоқаҳо бо мамлакатҳои сеюми котиботи генералии парлумони европоӣ Даниэл Кеменер дар сӯҳбат бо мухбири ОИ «Ҷаҳон» дар Брюссел чунин иброз дошт.***

— Ҷаноб Кеменер, ба ҷамъбасти ҷамъомади чоруми Кумитаи байнипарлумонии ҳамкорӣ — «Ӯзбекистон ИА» ва умуман саёҳат ба Ӯзбекистон чӣ гуна баҳо медиҳед?

— Вохӯрии намояндагии парлумонии европоӣ ва Ӯзбекистон дар як сол як маротиба ба амал меояд. Вохӯриҳо ҳам дар Европа ва ҳам дар Ӯзбекистон ба вуқӯъ мепайвандад. Дар сафари имсола ба мамлакати Шумо мо шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро ва Ҷиззахро тамошо кардем.

Дар ҷамъомаде, ки дар шаҳри Самарқанд ба амал омад, бо намояндагии парлумони Ӯзбекистон гуфтугӯи ҳаматарафа муфид ва конструктивӣ гузарондем. Масъалаҳои муҳими байналхалқӣ ва сиёсати минтақавӣ муҳокима гардид. Инчунин оиди ҳамкории Ӯзбекистону Иттиҳоди Аврупо, рафти ислоҳоти сиёсӣ ва демократӣ дар Ӯзбекистон ва дигар масъалаҳое, ки барои ҳар ду тараф муҳим буданд, аз эътибор дур намонд. Инчунин бо намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, тадбиркорон, фермерон ва умуман бо одамони оддӣ вохӯриҳо гузарондем. Инҳо ҳама ба мо имконият доданд, ки воқеияти ҳақиқии Ӯзбекистон, муваффақиятҳои мамлакатро, ки солҳои истиқлолият соҳиб гаштааст, бо чашми худ дида боварии комил ҳосил кунем. Дар айни вақт бо масъалаҳое, ки имрӯзҳо бояд ҳалли худро ёбанд, низ шинос гаштем. Бояд тазаккур дод, ки маҳз барои мо барномаи ҳаматарафа тартиб дода шуд, ки дар он тамоми хоҳишҳои мо ифодаи худро ёфта буд.

Воқеаи 11 сентябри соли 2001 имкон дод, ки бори дигар он ҳақиқатро дарк намоем, ки Аврупо ва Ӯзбекистон дар ҳақиқат ба якдигар наздиканд. Мо дар масъалаҳои муборизаи зидди терроризми байналхалқӣ, амиқтар кардани ҷараёнҳои демократӣ дар Ӯзбекистон ва умуман дар Осиёи Марказӣ ҳамфикрем.

Дар шароити ҳозира Ӯзбекистон ҳолати геостратегӣ, табиӣ, иқтисодӣ ва потенсиали демографӣ, мероси маънавӣ-маданӣ дар ҳамҷамъияти ҷаҳон мавқеи муҳимро дорост.

— Ояндаи ҳамкории байни парлумони Аврупо ва Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро чӣ тавр тасаввур мекунед?

— Иттиҳоди Аврупо ва Ӯзбекистон шарики якдигаранд. Муносибати байни онҳо мувофиқи созишномаи оиди шарикӣ ва ҳамкорӣ, ки 1 июли соли 1999 ба имзо расид, идора карда мешавад. Мувофиқи ин ҳуҷҷат Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ ташкил ёфт, ки он чӣ тавре ки дар боло зикр карда шуд, мунтазам вохӯриҳо гузаронда меояд.

Мо бо Ӯзбекистон на барои ақидаҳои худро гузарондан, балки барои якҷоя ҳал намудани масъалаҳои барои ҳарду тараф муфид, аз ҷумла масъалаҳои сотсиалӣ ва иқтисодӣ омадем. Маъно ва мазмуни ҳамкории мо, вохӯриҳо, ки ба онҳо эътибори калон медиҳем, маҳз дар ҳамин аст. Бори дигар такрор мекунем, ки парлумони Аврупо бо Ӯзбекистон ҳамкории муфидро идома медиҳад.

— Аз хусуси таассуротҳои шахсиатон низ чанд сухан мегуфтед?

— Ман борҳо ба мамлакати шумо омадаам. Ман ҳанӯз соли 1982 бо Ӯзбекистон будам. Албатта, аз он давр то имрӯз як олам навигариҳо рух додаанд. Бахусус Ӯзбекистон солҳои истиқлолият хеле пеш рафт, соҳиби муваффақиятҳо гашт. Тошканд бароям таассуроти фаромӯшнопазир гузошт. Биноҳои замонавӣ, меҳмонхонаву мағозаҳо касро ба ҳайрат меандозад. Тарзи нави зиндагии мардумро намегӯед.

Тамошои ёдгориҳои тарихӣ, меъмории Самарқанду Бухоро, ки дар ҳақиқат сарвати башарият мебошанд, ҳеҷ касро бефарқ нагузошт. Як фактро алоҳида таъкид карданиям. Бояд гӯям, ки маҳалла падидаи нодири ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Ӯзбекистон мебошад, ки дар мамлакатҳои Европа монанди он нест. Ин институти ба худ хоси худидоракунандаи фуқаро мебошад, ки тарихан дар Ӯзбекистон ташаккул ёфта, солҳои истиқлолият аз нав баркарор гаштааст. Аз хусуси маҳалла сухан ронда бояд гуфт, ки дар он рӯҳи ҳаку ҳамсоягӣ, ёрии байниҳамдигарӣ ва ҷамоатчигиро бояд алоҳида таъкид кард, ки дар мамлакатҳои Ғарб дар натиҷаи индивидуаликунии ҳаёт ба чашм намерасад.

Мо дар маҳаллаҳо шуда бо аҳолӣ сӯҳбатҳо доштем, аз дараҷаи демократиконӣ ба ваҷд омадем. Дар рафти ин гуна мулоқоту сӯҳбатҳо мо барои худ бисёр чизҳои муфидро дарёфтем, ки барои ин ба аҳли меҳнат ва ба ҳамаи ӯзбекистониён миннатдорӣ изҳор мекунем.

**Ҷ.МУТАЛОВ,**
**хабарнигори ОИ«Ҷаҳон».**
ш.Брюссел.

Қарор ва иҷро

# Релсҳо аз қабати кӯҳ мегузарад

***220 километр ин дарозии хатти нави роҳи оҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқӯрғон мебошад, ки ҳудудҳои вилоятҳои Қашқадарёву Сурхондарёро убур мекунад. Чуноне ки ба мухбири ӮзА Виктор Николаев аз Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» хабар доданд, аллакай ба 25 километр роҳ релсҳо гузошта, дар айни замон дар 35 километри роҳи мазкур корҳои заминканӣ ба иҷро расонда шудаанд.***

Дар қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи суръати баланд бахшидан ба сохтмони хатти нави роҳи оҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқӯрғон» аз 24 январи соли 2003 се қитъаи он «Тошгузар—Деҳқонобод—Бойсун—Қумқӯрғон» аз ҳисоби маблағи буҷавӣ ва маблағҳои худии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари», байни Деҳқонобод — Бойсун бошад, аз ҳисоби сармоягузории ҷопонӣ ба андозаи 200 миллион доллари ИМА сохта мешаванд.

Аз суханони инспектори калони Дирексия оид ба сохтмони асосӣ ва азнавҷиҳозонии техникии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» Бахтиёр Ғиёсалиев маълум мегардад, ки умуман ба сохтмони хатти роҳи оҳани мазкур 111,5 миллиард сӯм ҷудо гардидааст, ки аз он танҳо 20 фоизаш маблағи буҷавист. То ҳоли ҳозир беш аз 6 миллиард сӯм маблағ азхуд гардидааст. Ба истифода супурдани роҳ дар соли 2007 ба нақша гирифта шудааст.

Мураккабии сохтмон дар он зоҳир мегардад, ки роҳ аз байни маҳалҳои душворгузари кӯҳӣ мегузарад ва дар баъзе маҳалҳо изи он морпеч мегардад, ки он пеш аз ҳама ба мураккабии иқлим ва хоки қаторкӯҳҳои Ҳисор алоқаманд мебошад. Қуллаҳои баланд ва адирҳои болобаланд тақозо доранд, ки корҳои таркиш бештар ба иҷро расанд.

Аз ин рӯ пудратчии асосии сохтмон — ассотсиатсияи «Ӯзбектранстстрой» ва шарики он Консерни давлатии «Ӯзавтойӯл» тарконандагон-мутахассисони соҳибтаҷрибаро ба кор ҷалб месозад, ки пешо-пеш барои бинокорону васлгарон, барқгарон майдони корро ҳозир менамоянд.

Сохтани роҳ аз ду тарафи ба ҳам муқобил оғоз ёфтааст. Бинокорон ба истиқболи якдигар ҳаракат намуда, тамоми инфрасохтори зарурӣ: обектҳои алоқа, об, коммуникатсияҳои газӣ, истиқоматгоҳро омода месозанд. Барқгарон низоми таъминоти барқро васл менамоянд. Вокзалҳои нави мусофирон дар истгоҳҳои Деҳқонобод ва Тошгузар қад мекашанд. Дар қад-қади роҳ беш аз 35 кӯпрук, даҳҳо галереяҳо, иншоотҳои ҳифозавиву дигар иншоотҳои муҳандисӣ сохта мешаванд. Аз ин рӯ он чиз бесабаб нест, ки ба майдончаҳои бинокорӣ ба миқдори зиёд техникаи мухталиф ва одамон сафарбар гардидаанд.

— Хатти нави роҳи оҳан барои хоҷагии халқ аҳамияти калон дорад, — суханашро идома медиҳад Б.Ғиёсалиев.— Гап дар сари он аст, ки алҳол хатти роҳи ҷанубӣ то Тирмиз қариб 100 километр аз ҳудуди Туркманистон убур мекунад ва давлати мо барои транзит маблағи озодтабодулро харҷ менамояд. Дар айни замон боз доштани маҷбурӣ аз тафтиши ҳуҷҷатҳо дар ситодҳои сарҳадбонӣ як қатор ноқулаиҳоро ба вуҷуд овардаасту вақти зиёдеро металабад. Баробари ба истифода супурдани роҳи мазкур давлатамон тақрибан 50 миллион долларро сарфа менамояд. Барои мусофирон ҳам қулай мегардад. Маҷроҳои мусофиру боркашонӣ пурзӯр гардида, суръати тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ду вилояти ҷанубии ҷумҳуриятро баланд мебардорад. Роҳ ба сӯи Тоҷикистони ҳамсоя ҳам наздиктар мешавад. Дар оянда имкониятҳои калон барои боркашонии транзитӣ тавассути Тоҷикистон, Афғонистон ва минбаъда ба Покистон ва Ҳиндустон фароҳам оварда мешавад.



Дар тараққиёти иқтисодии мамлакатамон мавқеи корхонҳои муштарак беқиёс аст. Аз ҳамин сабаб вақтҳои охир ба вусъат додани фаъолияти ин зумра корхонаҳо аҳамияти калон медиҳанд. Корхонаи муштараки «Унихо» -и Ӯзбекистону Олмони чанде пеш дар ноҳияи Ҳазорасп ба истифода супурдашуда ба ин мисоли равшан шуда метавонад. Дар вай аз пахта калоба тайёр мекунанд. То айни замон дар ин ҷо 400 тонна калоба истеҳсол карданд. Ин барои саноати сабук ашёи хоми зарур ба ҳисоб рафта, имконияти ба хориҷ баровардани онро фароҳам меорад.

Таъкид кардан ҷоиз ки фаъолияти корхонаи муштараки нав роҳи бо кор таъмин кардани садҳо ҷавонони ҳазораспиро кушод. Онҳо дар ин ҷо тавассути дастгоҳҳои замонавӣ ашёи хоми харидоргир тайёр мекунанд.

**Дар сурат:** (аз чап) коргардон **Сайёра Шониёзова, Ирода Раҳимова** ва **Муҳаббат Сафоева.**

**Аксбардор: Р. ҶУМЪАНИЁЗОВ. (ӮзА).**

# Муолиҷа дар Олмон

**ТОШКАНД. (Мухбири ӮзА Н. Ӯлҷабоев).** Ҳайати вакилоне, ки ба мамлакатамон таҳти сарварии роҳбари ташкилоти байналхалқии «Фридендорф Интернешнл» (ҶФО) ташриф овардаанд, бо раиси Бунёди байналхалқии «Соғлом авлод учун» С.Иномова гуфтугузор карданд.

Ташкилоти байналхалқии «Фриденсдорф Интернешнл» соли 1967 созмон дода шудааст ва бо табобату офияти бачаҳои малӯли то дувоздаҳсолаи мамолики мӯтараққии ҷаҳон шуғл меварзад. Дар айни замон бо зиёда аз 25 давлат ҳамкорӣ мекунад.

Дар рафти мулоқот дар бораи тарбияи авлоди солим, ҳифзи модару кӯдак, ислоҳотҳое, ки дар мамлакатамон дар соҳаи тандурустӣ ба амал бароварда мешаванд, сухан рафт. Ҷонибҳо инчунин масъалаҳои минбаъда васеъ гардондани ҳамкорӣ, ба амал баровардани барномаву лоиҳаҳои муштаракро баррасӣ намуданд.

Моҳи июли соли 2002 байни Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, бунёди «Соғлом авлод учун» ва ташкилоти «Фридендорф Интернешнл» созишномаи сеҷониба ба имзо расида буд. Ҳуҷҷати мазкур дар муассисаҳои тиббии Олмон муолиҷа кардани бачаҳои ӯзбекистониро пешбинӣ менамояд. Дар доираи созишнома корҳои амалӣ аз моҳи августи соли гузашта оғоз ёфтанд. Ҳамон вақт ба Олмон 13 нафар бачаи бемор фиристода шуда буд.

Дар рафти ташриф намояндагони «Фриденсдорф Интернешнл» бо падару модарони ин бачаҳо вохӯрданд. Меҳмонон ҳангоми мулоқот дар бораи чӣ хел гузаштани муолиҷа, шароитҳои барои онҳо фароҳам овардашуда ва тағйиротҳои мусбии дар беморон мушоҳидашудаистода нақл карда, ба суолҳои онҳо ҷавоб доданд.

Дар рӯзҳои наздик боз як гурӯҳ бачаҳои ӯзбекистонӣ ба Олмон барои муолиҷа мераванд.

Аз ҳаёти иттифоқҳои касаба

# Мароми мо — ҳифзи манфиати кормандон

Дар шӯъбаи таълими халқи ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона нақши кумитаи иттифоқи касаба эҳсосшаванда аст. Дар ноҳия 24 мактаби таълими умумӣ, 24 муассисаи томактабӣ, 6 муассисаи беруназмактабӣ ва 3 литсейи талабагони иқтидорнок мавҷуд мебошад.Иттифоқи касабаамон 2890 аъзо дорад.

Сенздаҳ сол аст, ки раиси кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва коркунони фанро дар ноҳия ба ӯҳда дорам. Ҳаминро идрок мекунам, ки омӯзгорону тарбиятгарон ва кулли алоқамандони соҳаи маориф торафт ба ин кумита эътимод мебананд. Иттифоқи касаба бошад, саъй дорад, ки ин боварирo сазовор бошад, ҳифзи иҷтимоию маънавӣ ва ҳимояи манфиати кормандони соҳаи маорифро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобад.

Таълими халқ робитаи ногусастанӣ дорад. Ариза ва шикоятҳое, ки ба мо афтидаанд, сари вақт санҷида мешаванд. Дар ҳаллу фасли муаммоҳо бо ҳуқуқшиносон ва кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот ҳатман ҳамкорӣ менамоем. Дар ҳамбастагӣ бо додситонӣ (прокуратура) назорати ҷомеавиро низ мувофиқи талаби замон ба роҳ андохтаем. Дар ҳар як муассисаи таълимӣ созмони ибтидоии кумитаи мо рӯи кор аст ва мутассадиёни дилсӯз дорад. Таҳти ҳамкорӣ бо мутасаддиён хонаи методӣ ташкил намудаем.

Дар ҳар як тадбири маънавӣ, ҷашн ё тантанаҳо собиқадорони ҷангу меҳнат, ки замоне корманди маориф буданд, фаромӯш намешаванд. Аз ҳоли маҷрӯҳон пайваста хабар гирифта, арзи дилашон мешунавем, то имкон баҳри ба ҷо овардани хоҳиши онҳо кӯшиш менамоем. Хоссатан, соли сипарӣ, ки соли эъзози куҳансолон буд, онҳо ба эътибори ҳамаҷониба фаро гирифта, шуданд. Эътино ва ғамхорӣ нисбати эшон дар соли равон кам нашудааст. Чанд нафар эҳтиёҷмандон бо роҳхати ройгон ба истироҳатгоҳҳои Чимён ва санаторияи фахриёни вилоят фиристода шуданд. Аз байни кормандони маорифи халқ, ки алҳол дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд, дар моҳҳои охир наздик чиҳил нафар дар осоишгоҳҳо саломатии худро барқарор намуда, боз бо рӯҳбаландӣ ва идроки солим ба маърифатгоҳҳои азизи худ баргаштанд.

Қатори дигар ҷашну санаҳо рӯзи омӯзгорон ва мураббиён бо шукӯҳи хоса тантана карда мешавад. Ҷашне, ки оғози моҳи октябри соли сипарӣ дар истироҳатгоҳи «Ҳазрати Алӣ» ба муносибати Рӯзи муаллимон баргузор гардид, фаромӯшнопазир буд. Ба сари дастурхони идона 200 нафар омӯзгорони пешқадами ноҳия, собиқадорон ва алоқамандони соҳаи таълим даъват карда шуданд. Ҳамаи онҳо бо тӯҳфаҳои хотиравӣ қадр гардиданд. Воқиан, тантанаи зерин иди дӯстӣ ва ҳамраъйӣ низ буд, ки дар он аз Ҷумҳурияти Қирғизистон 5 нафар, аз Ҷумҳурияти Тоҷикистон бошад, 30 нафар меҳмонон ширкат варзида, суханронӣ ва шеърхониҳои меҳромез намуданд.

Як замон муаллимаҳо дар ноҳияи Сӯх хеле камшумор буданд. Ҳоло онҳо зиёд ва хушбахтона, сафи муаллимаҳои пешқадам торафт зиёдтар мешаванд.

Машъалони маорифи халқ аз ҷумлаи бонувон С. Садирбекова, З. Фахриддинова, М. Орифова, Ш. Назарова, Д. Шарофиддиноваҳо, ки истиқлол ба ҳар яки ин қабил оташқалбон тарҳи зиндагии тозае инъом намуда, ҷаҳд доранд, ки фаъолияти худро аз мавқеи талаботи давр ба роҳ монанд ва онро бо замон созгор созанд.

Дар арафаи иди 8 март — Рӯзи занону духтарон соли равон 120 нафар ин гуна занони зиндагисоз, ки дар мактабу кӯдакистонҳо фаъолият мебаранд, ё имрӯз дар нафақаанд, ба мактаби рақами аввал фаро хонда шуданд. Ба ҳар яки онҳо дар вазъи мутантан тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим дошта шуд. Ҷашни 50 -солагии муаллимаи мактаби рақами дуюм У. Роҳатова низ фаромӯшнопазир таҷлил гардид.

Ба наздикӣ шартномаи дусолаи маъмурияти мактабҳо ва иттиҳоди касаба ҷамъбаст карда шуд. Аҳднома таҳти ризоият ва ба назари эътибор гирифтани афкору мулоҳизоти роҳбарони муассисаҳои таълим рӯи кор омад. Дар рафти он раиси кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи таълими халқи вилоят Акбаралӣ Асқаров ширкат варзид.

Дар кулли дабистон ва кӯдакистонҳо барои истироҳати бофароғати кормандон ва омӯзгорон хонаҳои дамгирӣ бунёд гардидаанд.

Аз имтиёз дар соҳаи хизмати коммуналӣ 1695 нафар ходимони маориф баҳра мебардоранд. Чанде пеш 56 манзил ба таври ройгон шахсӣ кунонда ва ба ихтиёри эҳтиёҷмандони ҷои зист вогузор карда шуд. Ният дорем боз 23 адад манзилро шахсӣ кунонда, манзури кормандони таълим созем, ки ба истиқоматгоҳ ниёз доранд.

Омӯзгорон ва тарбиятгирандагоне, ки кӯдакони маслуқ доранд, низ дар madди назаранд. Ҳанӯз соли 1998 ба 27 нафар фарзандони кормандонамон, ки ногиронанд, дафтарчаи амонатӣ кушода будем. Рӯзи ногиронҳо (3 ноябр) ва муҳофизати кӯдакон (1 июн) аз ҳоли онҳо хабар гирифта, бо дастовезҳо дилёбӣ мекунем.

Таҳти ташаббуси иттиҳоди касаба ва дастгирии шӯъбаи таълим байни омӯзгорон ва хонандагони мактабҳо аз рӯи ҳашт намуд мусобиқоти варзишӣ мунтазам гузаронда мешавад.

Ҳар сол ба шарафи Рӯзи Хотира ва қадр (9 май) ба поси хотири қаҳрамони аз Сӯхзамин баромада Амиралӣ Саидбеков мусобиқаи волейболбозон баргузор мегардад. Мукофоте, ки иттифоқи касаба ба ғолибон ҷудо кард, имсол 34 ҳазор сӯмро ташкил намуд. Беҳтарин иштирокдорон аз ҷониби ҳомиён низ муносиб тақдир карда мешаванд. Дар он ҳамчунин ширкат варзидани варзишгарон аз ноҳияи Риштон ва вилояти Боткони Ҷумҳурияти Қирғизистон моро водор месозад, ки баҳри дар савияи баланд ташкил намудани бозиҳо бештар масъулият ҳис намоем ва мусобиқот бо оҳангҳои ҳамдилӣ созгор бошад.

**М. ДОДОХОНОВ,**
**раиси кумитаи иттифоқи касабаи ходимони маориф ва илми ноҳияи Сӯх.**
**М. ШОДӢ.**

